# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи номзадии Комилов Меҳроҷ Шарифович ба яке аз мавзӯъҳои мубрами таърихи китобдории тоҷик бахшида шудааст.

Мавзӯи диссертатсия нав буда, дар илми таърихи ватанӣ бори аввал дар шакли пажӯҳиши монографӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шудааст. Дар он фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии Тоҷикистон дар даврони истиқлол бо дарназардошти вижагиҳои технологию касбӣ, тамоюлҳои тағйирпазирии мусбату манфии шабакаи китобхонаҳои мамлакат ва амсоли ин бо таври муҷтамеъ (комплексӣ) таҳқиқ шудааст.

Муаллиф барои таҳқиқи мавзӯъ маводи фаровони илмиву амалиро ҷамъоварӣ намуда, дар шакли феҳрист мураттаб сохтааст ва бо таҳлилу баррасии онҳо вазифаҳои мушаххаскардаашро ба қадри кофӣ ҳал намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, навгонии кор бо шарҳу тавзеҳҳои амиқ асоснок гардида, мақсаду вазифа ва методҳои таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ ва дараҷаи таҳқиқи он муайян ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия – **«Омилҳои ташаккул ва таҳаввули китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол»,** ки фарогири 3 зербоб мебошад, заминаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии фаъолияти китобхонаҳои мамлакат дар солҳои 1991-2016 баррасӣ гардида, раванди шаклгирӣ ва марҳилаҳои инкишофи шабакаи китобхонаҳои мамлакат, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи китобдорӣ, нақши озмуну фестивалҳои соҳавӣ дар рушди анъанаҳои китобдорӣ, таҳқиқу таҳлил шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия – **«Пайдоиш ва ташаккули китобхонаҳои электронӣ дар Тоҷикистони муосир»,** ки аз се зербоб иборат аст масоили таърихи пайдоиш, зинаҳои инкишоф ва фаъолияти китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои нави фароҳамоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли манобеи иттилоотии электронӣ дар

Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, вазъи компютеркунонӣ ва корбурди технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат ва афзалиятҳои фаъолияти китобхонаҳои электронӣ дар қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон таҳлил ва нишон дода шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои илмӣ ва нашрияҳои даврии солҳои 1991-2016 нашргардида доир ба фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии Тоҷикистони соҳибистиқлол бори нахуст дар илми таърихи ватанӣ таҳлили маҷмӯии таҳқиқоти мазкурро анҷом додааст. Дар заминаи омӯзиши паҳлуҳои гуногуни фаъолият ва вижагиҳои китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии мамлакат роҳҳои минбаъдаи рушди фаъолияти онҳоро муайян кардааст. Ҳамзамон натиҷаҳои илмии бадастомада, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсияҳои хислати амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

Хулосаҳои таҳқиқоти Комилов Меҳроҷ Шарифович ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо далелу аснод асоснок карда шудааст. Диссертатсия сохтори муайяни илмӣ дошта, дар он метод ва методологияи таҳқиқ риоя шудааст. Бобу зербобҳои диссертатсия ба ҳамдигар алоқаи мантиқӣ дошта, якдигарро пурра мекунанд ва дар умум, тарҳи комили мавзӯи таҳқиқро намо медиҳанд.

Автореферат ва маводи доир ба мавзӯи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф дар 1 рисола ва 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқу басанда буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Комилов Меҳроҷ Шарифович дар тӯли солҳои аспирантӣ худро ҳамчун пажӯҳишгари ҷӯянда ва масъулиятшинос нишон дода, ба омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯи илмӣ ҷиддӣ машғул шуд, иртиботашро бо роҳбари илмӣ қавӣ гардонд ва то қадри тавон аз имконоти мавҷуда самаранок истифода намуд, доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқ дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалии соҳа суханронӣ кард, монография ва мақолаҳои ҷудогонаи илмӣ ба нашр расонд. Чунин муносибат боис гардид, ки ӯ дар давоми муҳлати муайяншуда таҳқиқоти илмиашро бо сифати баланд ба анҷом расонад.

Бо дарназардошти сифатҳои шахсии муаллиф ва омодагии ӯ ба корҳои илмиву таҳқиқотии мустақил ҳисоб мекунам, ки таҳқиқоти диссертатсионии Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)»

кори бaанҷомрасида аст. Кор дар сатҳи хуби илмӣ иҷро гардида, бо муҳиммияту мубрамият, навгониҳои назариву амалӣ ва аҳаммияти худ ба талаботи пажӯҳиши диссертатсионӣ мувофиқ мебошад.

Автореферат ва маводу мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ба дараҷаи кофӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Дар маҷмӯъ, кор ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ сазовор аст.

**Доктори илмҳои таърих,**
**профессор** **Абулҳаев Р.**

**Суроға:**
**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33**
**тел: 939005536; 2217326**

**Имзоро тасдиқ мекунам**
**Сардори ШК** **Файзуллоева Г.**